**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи “Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) - Душанбе, 2026, - 181 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи “*Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ*” ба шиносномаи ихтисои илмии 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) мувофиқат мекунад, барои он ки таҳқиқот ба татбиқи принсипҳои педагогӣ дар раванди таълим, истифодаи технологияҳои муосир ва ташаккули шахсияти маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён дар қаринаи омӯзиши забони хориҷӣ нигаронида шудааст. Мавзуъ ба таври мустақим ба масъалаҳои татбиқи моҳияти равандҳои таълимию тарбиявӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи касбӣ, аз ҷумла, инноватсияҳо дар методикаи таълими забонҳои хориҷӣ ва ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии зикршуда акс ёфтаанд, марбут мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мубрам ва муҳим будани мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи “Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ” дар он аст, ки он ба яке аз масъалаҳои мубрами рушди ҷомеаи муосир, яъне тарбияи насли соҳибмаърифат, ватандӯст ва худшинос, ки дорои арзишҳои баланди маънавӣ-ахлоқӣ мебошанд, бахшида шудааст. Махсусан, татбиқи ин раванд дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки маҳзани тайёр кардани мутахассисони баландихтисос барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мебошанд, аҳамияти бузург дорад. Омӯзиши педагогии ин масъала дар заминаи дарсҳои забони англисӣ имконият медиҳад, ки дар як вақт ҳам ба талаботи афзояндаи дониши забонӣ ва ҳам ба талаботи тарбиявӣ ҷавоб дода шавад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ ва густариши робитаҳои байналмилалӣ, забони англисӣ на танҳо як воситаи муоширати байналмилалӣ, балки як паҳнкунандаи фарҳангу арзишҳои гуногун низ ба шумор меравад.

Гузаронидани таҳқиқот дар ин самт ба фаҳмиши амиқтар ва ташхиси педагогии механизмҳои таъсиргузорӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои забони англисӣ барои тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён мусоидат мекунад. Муаллиф талош кардааст, ки дар доираи диссертатсияи худ, тавассути баррасии масъалаҳои назарию амалии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар раванди дарсҳои забони англисӣ, ба проблемаҳои мавҷуда нуқтаҳои назари нав ворид намояд ва роҳҳои ҳалли онҳоро дарёбад.

Муҳаққиқи тоҷик С. Олимов дар асари худ таъкид менамояд, ки "Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ бояд дар ҳамаи марҳилаҳои таҳсил, аз ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ба низоми мукаммал ва мутаносиб дарояд" (Олимов, 2018, с. 45). Маҳз ҳамин нуқта дар таҳқиқоти Қурбонзода Навбаҳор Қурбон мавқеи марказӣ ишғол мекунад. Дар ин росто, истифодаи методҳои муосири таълим, аз қабили корҳои лоиҳавӣ, муҳокимаҳои гурӯҳӣ, усулҳои дидактикӣ бо истифода аз матнҳои адабӣ ва фарҳангӣ, ки дорои арзишҳои маънавӣ-ахлоқии миллӣ ва умумибашарӣ мебошанд, метавонанд ҷузъи таркибии раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён гарданд.

Дар баробари ин, усулҳои гуногуни коркарди матнҳои бадеӣ ва публисистӣ, ки дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ истифода мешаванд, имкон медиҳанд, ки донишҷӯён бо арзишҳои маънавӣ-ахлоқии дигар халқҳо ошно шаванд ва дар муқоиса бо онҳо, арзишҳои миллии худро тақвият бахшанд. Пешниҳодҳои муаллиф дар хусуси ба таври мунтазам ва услубӣ ҷорӣ намудани унсурҳои тарбиявии маънавӣ-ахлоқӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ, новобаста аз мавзуи аслии дарс, ба татбиқи самараноки принсипи ягонагии таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ мусоидат хоҳад кард.

Аҳамияти дигари таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки Қурбонзода Навбаҳор Қурбон на танҳо мушкилоти мавҷударо таҳлил намудааст, балки барои ҳалли онҳо восита ва усулҳои мушаххаси педагогӣ пешниҳод мекунад. Ғояи ташаккули ахлоқии инсон дар ҷараёни омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус забони англисӣ, дар заминаи бозбинии усулҳои анъанавии таълим ва ворид намудани тағирот дар барномаҳои таълим, барои такмили низоми таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҳамзабон аҳамияти байналмилалӣ дорад. Таҳқиқоти мавриди назар метавонад барои омӯзгорони забони англисӣ, мураббиён ва мутахассисони самти таълиму тарбия ҳамчун дастури амалӣ хизмат кунад.

Аз ин рӯ, интихоби мавзуи "Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни

дарсҳои забони англисӣ" мубрам, дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба талаботи низоми муосири маориф ҷавобгӯ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф як қатор навгониҳо, дастовардҳои илмӣ, таҳдиқот ва хулосаву пешниҳод оварда шудаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо дар матни бобу зербобҳои диссертатсия инъикос ёфта, таҳлил ва натиҷагирӣ карда шудаанд. Муаллифи диссертатсия дар қисмати навгониҳои таҳқиқот навиштааст, ки "... мавзуи асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои забони англисии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар ҷумҳурӣ дар шакли алоҳида ва мушаххас аввалин бор мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода мешавад." Дар воқеъ, вазъият дар ин самт чунин буда, мавзуи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои забони англисии муассисаҳои таҳсилоти касбии ҷумҳурӣ бори нахуст ба таври мукаммал дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Довталаб Қурбонзода Н. 6 навгонии дигарро муайян кардааст, ки аз назари мо муҳимтарини онҳо 3 банди зерин мебошад:

"- муайян гардид, ки камолоти касбӣ ва маънавию ахлоқии шахс бо сатҳи таҳсилоти ӯ робитаи мустақим дошта, дараҷаи таҳсилот чун омили асосӣ дар ташаккули маънавӣ ва касбии шахс нақши муайянкунанда дорад;

- муайян гардид, ки дар раванди таълиму тарбия ва таҳсили доншҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҷиҳати ташаккули шуури илмӣ ва сифатҳои ахлоқии донишҷӯён, сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии онҳо дар баробари дигар фанҳо, омӯзиши забони хориҷӣ (англисӣ) низ чун фанни таълимӣ имкониятҳои фаровон дорад;

- ошкор карда шуд, ки маҳз норасоии китобҳои дарсии босифат, барномаҳо ва дигар маводи зарурӣ барои муассисаҳои таълимӣ, хусусан, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, инчунин, таваҷҷуҳи камтар ба таълими забони хориҷӣ боиси паст гардидани шавқу завқи донишҷӯён дар ин самт гардидааст."

Довталаби дараҷаи илми 4 нуктаҳои асосиро ба ҳимоя пешниҳод кардааст, ки онҳо муҳтавои асосии диссертатсияро фарогир буда, аз мақсаду вазифаҳо ва фарзияи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеоянд ва собит месозанд, ки мақсаду вазифаҳо ва фарзияи илмии таҳқиқоти амалӣ шудаву тасдиқи худро ёфтаанд, зеро:

- *ошкор карда шудааст,* ки таҳлили масъалаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ, аз ҷумла ҷанбаҳои фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ нишон дод, ки

таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ахлоқии донишҷӯён мусоидат карда, нақши муассир мебозад;

- *муайян карда шудааст,* ки шароити муосир методологияи нави тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва дарки амиқи онро тақозо менамояд, зеро тағйироти босуръат дар илму технология ба тафаккур ва муносибат ба арзишҳои аҳли ҷомеа, аз ҷумла ҷавонон таъсири амиқ расонида, боиси коҳиши зуҳуроти ахлоқӣ мегардад;

- *муқаррар карда шудааст,* ки раванди таълиму тарбия бе арзишҳои иҷтимоӣ (оила, анъана, малакаи касбӣ) ва эстетикӣ (зебоӣ, санъат) барои мутахассиси оянда тасаввурнопазир аст. Ташаккули ахлоқ ва шахсияти донишҷӯ асосан дар ҷараёни фаъолият сурат мегирад, ки онҳоро ба масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, инсонӣ ва ватанпарастӣ равона месозад;

- *собит карда шудааст,* ки тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ қисми ҷудонопазири раванди таълиму тарбияи забони хориҷӣ аст. Корҳои мустақилона ва беруназдарсӣ дар маҷмӯъ нақши муҳим дошта, ба такмили дониш ва ташаккули тафаккури ахлоқии донишҷӯён мусоидат мекунанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда бо асоснокии илмӣ таҳия шуда, мазмун ва моҳияти онҳо пурра ба таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии масъалаҳои муҳиме равона гардидаанд, ки дар матни диссертатсия баррасӣ шудаанд. Дар робита бо эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бояд таъкид кард, ки онҳо дар заминаи манбаъҳои илмӣ ва оморӣ коркард ва ироа шудаанд. Таҳлили ҳамаҷонибаи проблема бо истифода аз нуқтаҳои таҳқиқоти бунёдии психологӣ, педагогӣ ва методологӣ, ҳамчунин истифодаи маҷмӯи усулҳои иловагӣ, ки якдигарро такмил медиҳанд, эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин кардааст. Илова бар ин, ба роҳ мондани усулҳои арзёбии сифатӣ, миқдорӣ ва таҳлили тавзеҳии маълумот ба таври натиҷабахш ҷорӣ гардонида шуда, татбиқи натиҷаҳо дар фаъолияти амалии муассисаҳои таълимӣ таъмин карда шудааст. Ин равандҳо нишон медиҳанд, ки натиҷаҳои таҳқиқот имкони истифодаи амалиро доранд ва ба рушди минбаъдаи илм ва назария дар самти таълим мусоидат менамоянд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулосаю тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, матни умумии диссертатсия 181 саҳифаро ташкил медиҳад. Татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар бобҳо ва зербобҳои алоҳида

мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст, ки тавсифи онҳоро дар зер иброз мекунем.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқот асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян ва тавсиф карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия, ки бо унвони "*Ҷанбаҳои назариявии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарси забони англисӣ*" муаррифӣ шудааст, аз се зербоб иборат мебошад. Ин зербобҳо ба таҳлили амиқи ҷанбаҳои фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон, инчунин, ба тафаккури ахлоқӣ ва сифатҳои шахсии донишҷӯён ҳамчун объекти асосии раванди таълиму тарбия бахшида шудаанд. Дар баробари ин, нақши муҳими шахсияти омӯзгори забони англисӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ- ахлоқии донишҷӯён низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар доираи ин боб муаллиф таваҷҷуҳи асосиро ба таҳқиқи масъалаи тарбияи ахлоқӣ, ки ҳамчун ҷузъи калидии маънавиёт ва ҷаҳонбинии насли ҷавон эътироф шудааст, равона кардааст. Заминаҳои назарии ин масъала дар осори мутафаккирони давраҳои қадим, асрҳои миёна ва то замони муосир бо диққат омӯхта ва таҳлил шудаанд. Таъкид мегардад, ки масъалаи ахлоқ ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ мавриди таваҷҷуҳи олимону донишмандони зиёд қарор гирифтааст. Азбаски ин мавзӯъ дорои аҳамияти бузург ва фарогирӣ мебошад, он дар доираи илмҳои фалсафа, равоншиносӣ ва педагогика баррасӣ мешавад.

Дар боби дуюми диссертатсия бо номи "*Мазмун ва технологияи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди дарсҳои забони англисӣ*" масъалаҳои муҳими ташаккули сифатҳои ахлоқии донишҷӯён дар машғулиятҳои забони англисӣ ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар ин боб ба нақши китоби дарсӣ ва машғулиятҳои амалӣ ҳамчун омилҳои асосии тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯён диққати махсус дода шудааст. Муаллифи диссертатсия таъкид кардааст, ки китоби дарсӣ, ки ҳамчун воситаи асосии омӯзишӣ истифода мешавад, на танҳо барои омӯзиши забон, балки барои ташаккули ҷаҳонбинии ахлоқӣ ва маънавии донишҷӯён нақши муҳим мебозад. Машғулиятҳои амалӣ, ки дар раванди дарсҳои забони англисӣ гузаронида мешаванд, имконият медиҳанд, ки донишҷӯён сифатҳои ахлоқии худро дар амал татбиқ намоянд ва дар муҳити омӯзишӣ муносибатҳои солим ва ҳамкориро рушд диҳанд.

Ҳамзамон, дар ин боб арзёбии самаранокии фаъолияти тарбиявӣ дар чараёни корхои мустакилона ва берун аз дарсӣ оид ба забони англисӣ низ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Ин арзёбӣ ба омӯзгорон ва мухассилин имкон медиҳад, ки сатҳи таъсири усулҳои тарбиявӣ ва мазмуни таълимиро ба рушди маънавию ахлоқии донишҷӯён муайян намоянд ва дар сурати зарурат, роҳҳои беҳтар намудани раванди тарбияро пешниҳод кунанд. Дар маҷмӯъ, боби дуюм равиши систематикӣ ва технологӣ ба масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён дар доираи дарсҳои забони англисиро пешниҳод намуда, аҳамияти ҳамгироии мазмун ва усулҳои таълимиро дар ин раванд таъкид мекунад.

Хулосаи диссертатсия, ки аз 8 банд иборат аст, натиҷаҳои муҳими таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, тавсияҳои амалӣ барои такмили раванди тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯёнро пешниҳод намуда, таъкид шудааст, ки дар шароити муосир зарурати амиқи омӯзиши назариявӣ ва методологии тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон ба миён омадааст, то ки ин раванд на танҳо дар сатҳи назария, балки дар амал татбиқ гардад ва аҳамияти аввалиндараҷа пайдо намояд.

Дар замони рушди босуръати технологӣ мушоҳида мешавад, ки диққати одамон ба такмили рӯҳонӣ камтар ҷалб мегардад ва ҷанбаҳои ахлоқии рафтору амалҳои онҳо дар пасманзари ин раванд камтар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегиранд. Ин ҳолат боиси фаромӯш шудани арзишҳои муҳимми ахлоқӣ мисли дилсӯзӣ, ҳамдардӣ, эҳтиром ва дигар сифатҳои неки инсонӣ мегардад. Аз ин рӯ, зарурати тарбияи инсонҳои дорои маънавиёти ғанӣ ва ахлоқи баланд, ки на танҳо қобилияти истеъмол кардан, балки эҷодкорӣ ва таъсиррасонӣ дошта бошанд, рӯз аз рӯз бештар эҳсос мешавад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия додани тавсияҳо оид ба истифодаи он.** Аз таҳлилу баррасии маводи диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон натиҷагирӣ намудем, ки таҳқиқоти илмӣ дорои аҳамияти илмии назаррас буда, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия ба тарбияи маънвӣ-ахлоқии донишҷӯён дар ҷараёни машғулиятҳои забони англисӣ дар воқеъ мусоидат мекунанд. Истифодаи дурусти онҳо дар раванди таълим сифати таълиму тарбияро баланд бардошта, донишҷӯёнро ба зиндагиву фаъолият дар шароити муосир омода месозад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот боз дар он аст, ки дар он асосҳои педагогии тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ ба таври амиқ таҳқиқ ва омӯхта шудаанд. Таҳқиқот ҷанбаҳои муҳим ва зарурии таълими

забони англисиро дар таҳкими шуури ахлоқии донишҷӯён равшан намуда, хулосаю тавсияҳои муфид ва арзишмандро таҳия ва пешниҳод кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои озмоишӣ, ки аз ҷониби довталаб ба даст оварда шудаанд, дар самти амалисозии рушди тафаккури маънавию ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ, бахусус забони англисӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ нақши мусбат хоҳанд гузошт. Таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун пойгоҳи назариявӣ ва амалии муҳим барои омӯзгорон ва мутахассисони соҳаи педагогика хизмат намуда, равишҳои самараноки тарбияи маънавию ахлоқиро дар раванди таълим тақвият бахшад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ баррасӣ ва чоп шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар амал тасвибу татбиқ шуда, бо санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд. Номгӯйи мақолаҳои довталаби дараҷаи илмӣ 13 адад буда, аз онҳо 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирифташуда ва 7 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд.

Мақолаҳои нашрнамудаи довталаб меҳвари аслӣ, натиҷаҳо ва мундариҷаи комили диссертатсияро пурра инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифи онро дар таҳқиқи ин мавзуи муҳим ва дорои аҳамияти илмӣ боэътимод ва возеҳ собит месозад. Ин мавод на танҳо асоси назариявӣ ва амалии таҳқиқотро мустаҳкам кардааст, балки барои рушди минбаъдаи илм ва амалияи педагогӣ дар соҳаи тарбияи маънавию ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар раванди омӯзиши забони англисӣ ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид хизмат мекунад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи мазкур ба талаботи “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ” (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) ва талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда

шуда, ба микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо забони равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои таҳлилӣ бароварда шудааст.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

***Камбудӣ ва эродҳо.*** Дар баробари дастовардҳо дар рисола як силсила камбудиву ҳалатҳои ҷузъии ислоҳталаб ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати кори илмиро меафзояд:

1. Зербоби якуми боби якуми диссертатсия "*Ҷанбаҳои фалсафӣ, психологӣ ва педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон*" номгузорӣ шуда, дар он роҷеъ ба ҷанбаҳои фалсафӣ, психологӣ ва педагогии тарбияи ахлоқӣ ва сифатҳои шахсии доншҷӯён маълумоти муфассал пешниҳод шудааст, вале ҷанбаҳои тарбияи маънавии ҷавонон тавсифу баррасӣ нашудааст.

2. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар марҳилаи ташаккулдиҳандаи озмоиш бо истифода аз роҳу усулҳо ва маводи гуногуни дидактикӣ сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва шахсии донишҷӯёнро ташаккул диҳад, вале баъзе маводе, ки барои иҷрои ин вазифа пешниҳод шудааст, ба ин сифатҳо ягон рабте надоранд, масалан, дар матни бо ин мақсад дар саҳифаи 99-и матни диссертатсия ба донишҷӯён дар ҷараёни машғулияти забони англисӣ ироашуда дар тарҷума бо забони тоҷикӣ:

"А. 1. Кай Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ табдил ёфт? 2. Чӣ тавр Тоҷикистон пеш аз Инқилоби Октябр Ҷумҳурӣ буд? 3. Кай Тоҷикистон истиқлолияти давлатӣ ба даст овард? 4. Пеш аз Инқилоби Октябр дар Тоҷикистон чанд мактаб ва муассисаи таҳсилоти олӣ мавҷуд буд?

Б. 1. Оё Душанбе, пойтахти Тоҷикистон, шаҳри қадимӣ аст? 2. Шумо дар бораи корнамоиҳои қаҳрамононаи мардуми тоҷик барои дифоъ аз ватани худ чӣ медонед?

Кор бо ҷумлаҳои алоҳидаи дорои ҷанбаи ахлоқӣ:

"Тоҷикистон бо созмонҳои ҷамъиятии 110 кишвар робита дорад ва махсусан бо ҷамъиятҳои дӯстӣ дар Русия, Амрико, Англия, Ҳиндустон, Афғонистон, Эрон, Ироқ, Афғонистон ва ғайра робитаҳои наздик дорад. Ҳама чизе, ки имрӯз дорем - шаҳрҳо, корхонаҳо, марказҳои тадқиқотӣ, беморхонаҳо, донишгоҳҳо, мактабҳои муосир - натиҷаи дӯстии байни Русия, Украина, Беларус, Ӯзбекистон ва дигар ҷумҳуриҳост. Мардуми Тоҷикистон

мехоҳанд бо мардуми ҳама кишварҳо дар фазои сулҳ ва дӯстӣ зиндагӣ кунанд."

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, услубӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳ ва таҳриру тадвин мехоҳанд.

Албатта, норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд.

Дар маҷмуъ метавон баён намуд, ки диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи "*Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ*" кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз омодагии баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон кори ба итмом расидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Диссертатсияи Қурбонзода Навбаҳор Қурбон дар мавзуи "*Асосҳои педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар ҷараёни дарсҳои забони англисӣ*", ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси илмии 5.3.10. - Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (5.3.10.9. - Назария ва технологияи таълими забонҳои хориҷӣ) мебошад.

**Муқarrizи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, дотсент,
муовини ректор оид ба тарбияи
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ                Аҳмадзода
Бунафша Саймузафар

2.04.2026

**Суроға**: 735024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи академик Раҷабовҳо, 10.
Тел.: (+992) 985-05-34-54.
E-mail: abunafsha@mail.ru

Имзои Аҳмадзода Бунафша Саймузафарро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ                Қодирзода Н.Ҳ.

02.04.2026